## ТАҚРИЗИ

**муқарризи расмӣ ба диссертатсияи доктории Бозорзода Нуриддин Шодипур дар мавзӯи “Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия)” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рузноманигорӣ**

Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур ба яке аз масъалаҳои муҳимми илми журналистикаи тоҷик – сафарнома ҳамчун жанри публитсистика бахшида шудааст. Ин масъала дар муҳити илмии Тоҷикистон бори аввал мавриди таҳқиқи диссертатсионӣ қарор дода шудааст.

Мавзӯи сафарнома ҳамчун жанри публитсистика ва ё жанри адабиёт дар байни олимони соҳаи журналистика ва адабиёт баҳсҳои зиёдеро ба миён овардааст ва то ҳол ба он нуқта гузошта нашудааст. Аз ин рӯ муаллифи диссертатсия бо ҷуръати том ба таҳқиқи ин мавзӯъ даст задааст, ки айни муддао буда, дар илми журналистикаи тоҷик муҳимму аҳаммиятнок аст.

Дар доираи кори диссертатсионӣ омӯхтану баррасӣ намудани ҷанбаҳои назарӣ, таърихӣ ва амалии сафарнома ҳамчун жанри публитсистика саривақтӣ ва муҳим арзёби мегардад. Натиҷаҳои таҳлилу баррасиҳои баанҷомрасида имкон медиҳанд, ки дар бораи сафарнома ҳамчун жанри публитсистика маълумоти нисбатан пурра ба даст орем.

Унвонҷӯ моҳияти мавзӯи таҳқиқро илман таҳлил намуда, бо дарназардошти методологияи таҳқиқи кори илмӣ омӯзиш ва пажӯҳиши онро дар муқаддима, панҷ боб, 12 фасл, хулоса ва рӯйхати адабиёт ба шакл даровардааст, ки комилан дуруст аст.

Дар **муқаддима** муҳимияти мавзӯъ, дараҷаи омӯзиш, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқ, методология ва методи таҳқиқ, манбаъҳои таҳқиқ, предмети таҳқиқ, навгонии таҳқиқ, аҳамияти назарии таҳқиқ, арзиши амалии таҳқиқ. хронологияи таҳқиқ, нуктаҳои асосие, ки ба ҳимоя пешниҳод карда мешаванд, саҳми фардии муаллиф, сохт ва ҳаҷми

диссертатсия дар асоси талаботи рисолаи илмӣ дуруст оварда, шарҳу эзоҳ дода шудаанд.

Боби якуми диссертатсия – **“Ҷанбаҳои назарии шинохти сафарнома”** – масъалаҳои назарии таҳқиқи сафарнома, хусусиятҳои жанрӣ, мавқеи муаллиф, хатти ҳаракати сафар ва навъҳои сафарномаро дар бар мегирад.

Дар фасли якум – **“Андешаҳои муҳаққиқон дар бораи жанри сафарнома”**–андешаҳои олимону муҳаққиқони тоҷик оид ба “Сафарнома”-и Носири Хусрави Қубодиёнӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, баъдан жанри сафарнома ва паҳлуҳои гуногуни он баррасӣ гардидааст. Чунин андешаҳоро муҳаққиқ аз нигоҳи методологӣ ба ду қисм ҷудо кардааст:

1. Назари муҳаққиқони адабиётшинос, ки бештар ба ҷанбаи бадеии масъала диққат додаанд;

2. Назари муҳаққиқони публитсистика, ки ба воқеият ва воқеиятнигорӣ такя мекунанд.

“Сафарнома”–и Носири Хусрави Қубодиёнӣ яке аз аввалин сафарномаҳои адабиёти классикии форсу тоҷик буда, бо сафарномаҳое, ки дар замони гузашта таълиф ёфтаанд, заминаи боэътимоди жанри номбурда маҳсуб меёбад.

Муаллифони алоҳида оид ба «Сафарнома» изҳори ақида намуда, онро дар қолаби очерки сафарӣ ҷой додаанд, вале дар баробари ин андаке шикаста шудани чаҳорчӯби жанрро низ таъкид кардаанд. Онҳо жанри «Сафарнома»-ро на очерки сафарӣ, балки сафарномаи очеркӣ гуфтаанд, ки ин маънои дигар касб мекунад. Чунин фикри муҳаққиқон аз он сабаб буда, ки сафарнома ҳамчун жанри алоҳида шинохта нашуда буд. Диссертант баъди таҳқиқи ин мавзӯъ ба хулосаи дуруст омада, таъкид мекунад, ки очерк жанри алоҳида асту бештар вазифаи чеҳранигорӣ дорад ва сафарнома бо хусусиятҳои хоссааш аз он фарқ мекунад. Сафарномаро бе хатти ҳаракати сафар, мавқеи фаъоли

муаллиф, рангорангии ҳодисаю воқеаҳо тасаввур кардан мушкил аст. Истилоҳи «сафарнома» ва «саёҳатнома» моҳиятан ифодагари як маънову як жанранд, аммо калимаи "сафарнома" маъмул гардида, истилоҳи жанриро касб намудааст.

Дар фасли дуюми боби якум – **"Хусусиятҳои жанрии сафарнома"** – вижагиҳои жанрии сафарнома, тафовути он аз жанрҳои дигари публитсистика, бахусус лавҳаю репортаж ва очерку мақола нишон дода шудааст.

Сафарнома бо ду хусусияти барҷастааш аз дигар жанрҳо фарқ мекунад:

Аввалан, сафарнома аз маҷмӯи фактҳои хос, ҳодисот, вазъият, ҷараёни ҳаёти ҷамъиятӣ иборат мебошад. Яъне, ин ҷо факту ҳодисаи алоҳида не, балки маҷмӯи факту воқеаҳо дар назар дошта шудааст.

Дуюм, нигорандаи сафарнома ҳар як факти ҷудогона, ҳодисаи ҷудогонаро на ба таври мустақил, балки ҳамчун қисми таркибии ҳодисоту воқеот баррасӣ мекунад. Яъне, фактҳои алоҳида сафарномаро ба жанрҳои дигари публитсистӣ наздик созанд ҳам, таҳлили маҷмӯи онҳо аз махсусияти жанри сафарнома ба шумор меравад.

Муаллифи диссертатсия дар натиҷаи таҳқиқот фарқияти сафарнома ва ёддошту хотираро мушаххас карда ба хулоса меоянд, ки ёддошт дар бораи воқеаҳои гузашта ё замони нигоранда навишта мешавад, ки муаллиф бевосита аз сар гузаронидааст ё дар замони рӯйдоди он воқеаҳо зиндагӣ кардаасту мушоҳида намудааст. Яъне, дар ёддошт ё хотира воқеаҳои гузашта инъикос мешавад, вале дар сафарнома ҳодисоту воқеаҳое, ки ҳангоми сафар муаллиф бевосита мушоҳида кардаасту аз сар гузаронидааст, ҳамзамон тасвир меёбанд. Яъне, сафарнома маҳсули сафар аст ва фаврият дорад.

Ба ҳамин тариқ, сафарнома ҳамчун жанри мустақили публитсистикаи бадеӣ ба бисёр жанрҳои журналистика қаробат дорад. Вазифаи жанрӣ онро гоҳ ба очерку репортаж, гоҳ ба мактубу ёддошт

монанд месозад, вале ин монандии зоҳирист. Аслан сафарнома аз хусусиятҳои жанрҳои публитсистика хеле моҳирона истифода мекунад, чунки дар он ҳам факту рақам, ҳодисаву воқеа, инсони кору пайкор тасвир меёбаду ҳам проблемаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ ва табиист, ки муаллиф-шоҳид нисбат ба дидаву шунидаву мушоҳидаҳояш фикр меронад, онҳоро муқоиса мекунад ва хулосаҳо мебарорад.

Фасли сеюми боби якуми диссертатсия **“Мавқеи муаллиф ва хатти ҳаракат дар сафарнома”** унвон дошта, дар он масъалаи мавқеи муаллиф дар жанрҳои журналистика, бахусус сафарнома, баҳсу андеша ва назари олимону муҳаққиқони публитсистика дар мавриди сафар ва аҳамияти он ба риштаи таҳлил кашида шудааст. Муҳаққиқон ба тарафҳои гуногуни он, аз ҷумла ба мавқеъ ва нақши қаҳрамон дар асар, нақши худи сафар дахолат намуда, вобаста ба ин муҳим будани маводи таҳлилиро низ таъкид кардаанд.

Диссертант таъкид мекунад, ки рӯзноманигор дар маркази воқеот қарор мегирад ва ба рӯйдодҳо ҳамроҳ мешавад, мусоҳиба мегирад, ҳуҷҷатҳоро варақ мезанад, дар куҷо будану чӣ хонданашро пурра маълум месозад. Аз ин назар, публитсист дар назди хонанда ҳамеша одами даркорӣ ба чашм мерасад. Дар асар хонанда муаллифро ҳамчун байналмилал (хусусан, агар дар назди ӯ сафари хориҷа бошад), ҳамчун намояндаи синфи муайян, шахси фаъоле, ки оид ба масъалаҳои мураккаби зиндагӣ фикр меронад, қабул мекунад.

Ҳамин тавр, дар сафарнома нақши сухангӯ, муаллиф - қаҳрамони асар, хеле барҷаста аст. Шахсияти вай на дар амалҳои корӣ (дидам, ҳамсуҳбат гардидам ва ҳоказо) зоҳир мегардад, балки ҳамчун симои томи шахсияте намудор мегардад, ки рафтору амалиёт ва тарзи афкори ӯ онро бозгӯ мекунад.

Пас, яке аз аломатҳои муҳимтарин ва муайянкунандаи ин жанр иштироки фаъоли муаллиф дар асар аст. Шоҳидиву иштироки бевоситаи муаллиф барои хонанда хеле муҳим аст, зеро вай ба таҷриба ва дониши ӯ

бовар мекунад ва тавассути он иштирокчии воқеа мегардад. Муаллиф дар сафарнома мавқеи муайяну мушаххас дорад, ки он дар саросари асар ба мушоҳида мерасад. Мавқеи фаъоли муаллиф имкон медиҳад, ки ҳодисаю воқеаҳои гуногун моҳирона тасвир гарданд, муаммоҳои зиндагӣ бозгӯ ва бахри ҳаллашон кӯшиш ба харҷ дода шаванд.

Фасли чоруми боби якум – **“Навъҳои сафарнома”** – баҳси қонуниятҳои сужетӣ-композитсионии сафарнома, махсусиятҳои жанрӣ, навъҳои сафарнома, сафарномаҳои насрӣ ва назмиро дар бар мегирад.

Дар диссертатсия навъҳои гуногуни сафарнома – рӯзномаи сафар, қайдҳои сафар ва лавҳаи сафар муфассал баррасӣ шудаанд.

Рӯзномаи сафар – яке аз навъҳои сафарнома буда, дар он мушоҳидаҳои худи муаллиф, ҷаҳонбиниву муносибати вай ба масъалаҳои иҷтимоии замонаш инъикос меёбад. Дар рӯзномаи сафар рӯзноманигор-сайёҳ ҳодисаю воқеаҳои мушоҳиданамудаашро рӯзмарра қайд мекунад, лекин вай дар оғози қайдҳояш санаҳои дақиқ, чуноне дар рӯзномаҳо қабул гардидааст намегузорад, вале ҳар як лаҳзаи нави сафар бо таъкиди ҷойи амалиёт оғоз меёбад ва ҳамчунин дар аввали матн вақти зуҳури ҳодисот дода мешавад. Худи ҳамин аллакай танзими махсуси рӯзнома аз тарафи муаллиф аст.

Рӯзномаи сафар дар замони шӯравӣ маъмулан аз даҳаю ҳафтаю рӯзҳои адабиёту санъат дар ҷумҳуриҳои бародарӣ навишта мешуд. Ҳоло аз сафарҳои гуногун низ рӯзномаи сафар навиштан мумкин аст.

Навъи дигари маъмулу серистеъмоли сафарнома қайдҳои сафар мебошад, ки дар он ҳодисаву воқеа рӯзмарра қайд намегардад ва санаҳо пурра нишон дода намешаванд. Дар ин навъ муаллиф метавонад ҳодисаҳоро пасопеш биёрад, аз воқеаҳои гуногун ёдовар шавад, онҳоро бо факту рақамҳои зиёд шарҳу тафсир диҳад. Доираи дарбаргирии ҳодисаву воқеаҳо дар қайдҳои сафар нисбат ба рӯзномаи сафар васеъ аст.

Лавҳаи сафар ба қайҳои сафар наздик бошанд ҳам, вале онҳо аз ҳам фарқ мекунанд. Дар лавҳаи сафар на ҳодисаву воқеаҳои зиёд, балки

як ё ду лавҳа ё лаҳзаи ҷолибтарини сафари мушоҳид-сайёҳ оварда мешавад. Лавҳаи сафар ҳаҷман муъҷаз ва хурд буда, тасвири образнок хоси он аст.

Омӯзиш ва таҳқиқҳо нишон медиҳанд, ки сафарномаҳо моҳиятан гуногун мешаванд. Масалан, сафарномаҳои насрӣ, назмӣ, бадеӣ, фантастикӣ ва ғайра. Дар диссертатсия танҳо сафарномаҳои насрӣ ва назмиро ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст.

Сафарномаи насрии публитсистӣ нигоштаест, ки ба воқеият асос ёфта, ҳодиса, воқеа, ҳолат, вазъият, муаммои зиндагиро дар вақту замон ва макони муайян инъикос мекунад. Дар диссертатсия баъзе аз хусусиятҳои назариявӣ ва аломатҳои умдаи сафарномаҳои публитсистӣ муфассал таҳлил гардида, намунаҳои онҳо баррасӣ шудааст.

Дар **боби дуюми** диссертатсия **“Омилҳои пайдоиш ва ташаккули сафарноманависӣ”** заминаҳои пайдоиши сафарнома дар адабиёт ва публитсистикаи тоҷик ба риштаи таҳқиқ кашида шудааст. Диссертант дар натиҷаи таҳқиқ ба хулосаҳои зерин омадааст:

1) Сафарнома таърихи хеле дерина дорад, ки ба намунаҳои мушаххас асос ёфтааст;

2) Дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX ҳам сафарноманависӣ идома ёфтааст, ки ба ин асарҳои маорифпарварони тоҷик мисол шуда метавонанд;

3) Сафарномаҳои адабиёти классикӣ ва маорифпарварони тоҷик дар ташаккули сафарнома ҳамчун жанри мустақили публитсистӣ таъсир гузоштааст.

Боби сеюми диссертатсия **“Ташаккули матбуоти даврӣ ва инкишофи анъанаи сафарноманависӣ”** унвон дошта, дар он марҳилаҳои инкишофи сафарнома, воқеиёти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ, таносуби мавзӯъҳои ватаниву хориҷӣ дар сафарномаҳо таҳқиқ шудаанд.

Дар фасли якуми боби мазкур – “**Воқеияти Тоҷикистон ва инъикоси он дар сафарномаҳои матбуотӣ”** марҳилаҳои таърихии ташаккулу таҳаввули сафарнома дар асоси намунаҳои сафарномаҳои матбуоти даврӣ таҳлилу баррасӣ гардидааст.

Дар сафарномаҳое, ки адибону рӯзноманигорон аз ҳаёти ҷумҳурӣ иншо намудаанд, масъалаҳои умдатарини кишвар: иқтисод, сиёсат, маишат, фарҳанг ва ғайра таҳлилу таҳқиқ гардида, роҳҳои ҳаллашон низ то адозае нишон дода шудаанд. Дар ин нигоштаҳо муаллифон лаҳзаҳои ҷолиби сафарро бомаҳоратона тасвир карда, дар бораи гӯшаву канори кишвар ва табиати нотакрори диёри ҳамешабаҳорамон маълумот ироа намудаанд.

Боби чоруми диссертатсия **«Таҳаввули сафарнома дар матбуоти замони истиқлол”** унвонгузорӣ шудааст. Ин боб заминаҳои иҷтимоиву касбии таҳаввули сафарнома, хусусиятҳои мундариҷавии сафарномаҳои матбуоти давриро дар бар мегирад.

Муаллифи рисолаи диссетатсионӣ дар ин боб ба хулоса омада таъкид мекунад, ки сафарнома дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ боз ҳам маъмул гардид. Агар дар замони шӯравӣ сафарномаҳо дар маҷаллаҳо бештар нашр шуда бошанд, дар замони соҳибистиқлолӣ дар рӯзномаҳо зиёдтар интишор ёфтаанд. Истиқлолият на танҳо дар рушду шукуфоии кишвари азизамон заминаҳои мусоид фароҳам овард, балки роҳи муҳаққиқону равшанфикрону сайёҳони тоҷикро ба мамолики хориҷ ва баръакс кушод. Акнун имконият пайдо шуд, ки ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бемамоният ба хориҷи кишвар сафар намуда, аз пешрафту дастовардҳои онҳо воқиф гардад ва ҷолибтарин лаҳзаҳои сафарро, ки худаш бевосита мушоҳида кардааст, рӯйи коғаз орад ва ба хонандаи ҳамватанаш пешкаш созад. Аз ҷониби дигар, вуруди хориҷиён низ ба кишвари мо афзуд.

Боби панҷуми диссертатсия “**Маҳорати нигоранда ва сабку услуби сафарнома”** унвон дорад. Ин боб маҳорати нигорандагии қаламкашонро

дар эҷоди сафарнома ва таносуби воқеияту бадеиятро дар сафарнома бозгӯ мекунад.

Дар сафарнома ширкати муаллиф аз тарафи хонанда ҳамеша ҳис карда мешавад. Дар асари публитсистӣ, аз ҷумла сафарнома, барои инъикоси ҳаёти воқеӣ ва вазъу ҳолатҳои рангоранги зиндагӣ маҳорати баланди нигоранда ба кор меравад. Нависанда ҳар қадар маҳорати баланд ва қалами сеҳрофарин дошта бошад, асараш ҳамон қадар диққатрабо хоҳад шуд, вале фаромӯш набояд кард, ки бадеият дар сафарнома ба воқеият тобеъ аст. Нигоранда дар сафарнома аз воқеият ва инъикоси ҳақиқии он берун рафта наметавонад.

Диссертант баъди таҳлили мавод дуруст қайд мекунад, ки дар офариниши сафарнома маҳорати баланди нигоранда муҳим аст. Бе маҳорат, бе таҷрибаи нигорандагӣ, бе донишу ҷаҳонбинии васеъ, бе таҷрибаи хуби зиндагӣ сафарномаи хуб навиштан мумкин нест. Шояд ба гумони баъзеҳо сафарнома навиштан осон аст: ҳар чӣ мебинӣ, менависӣ. Албатта, ин фаҳмиш ғалат аст. Барои сафарномаи хуб навиштан, пеш аз ҳама, талабот ва хусусиятҳои жанрии онро хуб донистан даркор аст. Баъдан, ҳар чизе ки пеш ояд, наменависанд. Муҳимтарин, ҷаззобтарин, хотирмонтарин лаҳзаҳои сафарро бомаром, аз рӯйи хатти ҳаракати сафар ё муҳиммияти ҳодисаю воқеа бояд ба риштаи тасвир кашид, вагарна навишта ба дарди касе намехӯрад.

Муаллифи рисолаи диссертатсионӣ Бозорзода Нуриддин Шодипур дар натиҷаи таҳқиқоти ҳаматарафи илмӣ ба хулосаи амиқ омада илман собит намудааст, ки жанри сафарнома таърихи тӯлонӣ дошта, ҳамчун жанри публитсистика дар матбуоти тоҷик байни дигар жанрҳо мавқеи муайянеро ишғол мекунад. Махсусан дар замони истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо таъсиси шумораи зиёди воситаҳои ахбори оммаи давлатӣ, мустақилу хусусӣ ва ба вуҷуд омадани имконияти васеи сафар ба мамолики дунё жанри сафарнома инкишоф ва васеъ истифода бурда мешавад.

Таҳқиқоти мазкур арзиши баланди илмиву амалӣ дорад. Он дар илми рӯзноманигории тоҷик аз аввалин пажӯҳиши диссертатсионие маҳсуб меёбад, ки жанри сафарнома ҳамчун жанри публитсистика аз ҷиҳати назарӣ, таърихӣ ва амалӣ илман таҳқиқ шудааст. Муҳтавои дисертатсия то ҷойе донишҳои илмӣ ва амалии рӯзноманигориро афзуда, дар ташаккули маърифати назарӣ ва амалии муҳаққиқони соҳа таъсир гузошта метавонад. Маводи таҳқиқотро метавон ҳангоми таълифи китобҳои дарсӣ, васоити таълимӣ, тадриси фанҳои таърихи матбуоти тоҷик, жанрҳои публитсистика, асосҳои фаъолияти эҷодии журналист, истифода кард.

Ҳамин тавр, мазмуну мундариҷаи диссертатсия ва услуби таълифи кор моро мутмаъин месозад, ки муаллифи он Бозорзода Нуриддин Шодипурро ҳамчун муҳаққиқи дорои қобилияти баланди пажӯҳиш, нерӯи мустақилонаи эҷодӣ, шеваи хоси баҳсу музокира ва ҷасорати дифоъ намудани мавқеи худ арзёбӣ намоем. Ӯ кори илмии пурарзишеро ба анҷом расонидааст. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшуда хусусияти навгонии илмӣ дошта, дар заминаи матни диссертатсия асоснок карда шудаанд.Вале дар баробари муваффақиятҳо баъзе норасоиҳо низ ҷой доранд, ки ислоҳи он ба манфиати кор хоҳад шуд:

1.Дар диссертатсия вобаста пешрафти воситаҳои технологии иттилоот яке аз бобҳо ба мавқеъ ва истифодаи жанри сафарнома дар воситаҳои электронии ахбори омма: телевизион, радио ва интернет бахшида мешуд рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам мукаммалтар мегашт;

2.Дар боби чаҳоруми диссертатсия, ки “Таҳаввули сафарнома дар матбуоти замони истиқлол” ном гирифтааст агар бобати инкишоф, истифода ва фарқияти жанри сафарнома дар матбуот, радио ва телевизион диссертант бо овардани мисолҳои мушаххас хусусиятҳои ин жанрро таҳлил менамуд рисолаи диссертатсионӣ боз ҳам пурратар мешуд;

3.Дар диссертатсия баъзан нуқсонҳои ҷузъии имлоиву техникӣ ба мушоҳида мерасанд.

Ин камбудиҳо ҷузъӣ буда, қимати илмии дисертатсияро паст намекунанд. Диссертант вазифаҳои дар наздаш гузоштаро бомуваффақият иҷро кардааст.

Диссертатсияи Бозорзода Нуриддин Шодипур – «Сафарнома ҳамчун жанри публитсистика (масъалаҳои назарӣ, таърих ва амалия) таҳқиқоти баанҷомрасида буда, дар сатҳи баланди илмӣ навишта шудааст. Он бо муҳиммият, навгониҳои илмӣ ва аҳаммияти назариявию амалиаш ба талаботи Низомномаи намунавӣ оид ба Шӯрои диссертатсионӣ ва тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, тахти №505 тасдиқ гардидаанд, ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он барои гирифтани дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ сазовор аст.

Муъминҷонов Зулфиддин
доктори илмҳои филологӣ, дотсент
Маълумот барои иртибот:
доктори илмҳои филологӣ
(ДДН № 0606/4-401Д от 7.02. 2020г. № 173/нк)
дотсент бо ихтисоси “Журналистика”
(ЗДЦ № 012593 от 12. 04. 2018г. № 392/нк)
Ҷойи кор: МДТ “ДДФСТ ба номи М. Турсунзода”
Вазифа: декани факултети режиссура,
кино ва телевизион Муъминҷонов Зулфиддин
Имзои Муъминҷонов З. - ро
тасдиқ мекунам.Сардори шуъбаи
кадрҳои МДТ “ДДФСТ ба номи
М. Турсунзода” Ҳомидова Зарина
18.01.2021с.
Нишонӣ: 734032, ш. Душанбе, хиёбони
Борбад 73а, МДТ “Донишкадаи
давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон
ба номи М. Турсунзода”
тел. +992(327) 231 05 57, 231 45 45
www ddst. tj
E-mail: tajartins@yandex.com